**ХУЛОСАИ**

**Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059-и назди**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи**

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №________**

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 11.09.2020, №8.**

Барои сазовор донистани Зокирзода Зафар Хайрулло аз рӯйи диссертатсия ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсия дар мавзӯи «Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) санаи 07-уми апрели соли 2020 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2020, № 62) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Зокирзода Зафар Хайрулло соли 1990 таваллуд шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 2013 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст. Мавсуф солҳои 2015-2018 аспиранти шуъбаи ғоибонаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима, иҷро ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

Азимзода Назир Бозор - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

Ғайратов Тимуршо Муборакшоевич - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукӣ ва ҳуқуқи Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (ш. Душанбе). Дар тақризе, ки аз ҷониби мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илми ҳуқуқшиносӣ Қудратов Некрӯз Абдунабиевич имзо ва аз ҷониби Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Фақеров Ҳ.Н. тасдиқ гаштааст, қайд мешавад, ки диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзӯи «Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, муаллифи он Зокирзода Зафар Хайрулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор тадқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва

корҳои илмӣ-тадқиқотии онҳо ба проблемаҳои такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ алоқамандии зич дорад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ муаллифи 21 мақолаи илмие мебошад, ки 10-и он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Тавсифи мухтасари таълифоти илмӣ вобаста ба таҳқиқоти илмӣ, саҳми муаллиф ва ҳаҷми таълифоти илмӣ, инчунин, таълифоти арзанда, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд, бо зикри маълумоти нашрӣ оварда мешавад.**

**1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1–М].** Зокиров, З.Х. История развития уголовного законодательства Республики Таджикистан о конфискации имущества [Текст] / З.Х. Зокиров // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2016. – № 2/6 (210). – С. 234–241.

**[2–М].** Зокиров, З.Х. Конфискация имущества в международных нормативных актах [Текст] / З.Х. Зокиров // Вестник Российско-Таджикский (Славянский) университет (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2016. – № 4 (56). – С. 72–77.

**[3–М].** Зокиров, З.Х. Конфискации имущества в уголовном законодательстве России и Центральной Азии [Текст] / З.Х. Зокиров // Известия института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2017. – № 3 (1). – 2017. – С. 153–159.

**[4–М].** Зокиров, З.Х. Понятие и признаки конфискации имущества [Текст] / З.Х. Зокиров // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2017. – № 2/4. Часть I. – С. 252–257.

**[5–М].** Зокиров, З.Х. Сущност конфискации имущества [Текст] / З.Х. Зокиров // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2017. – № 2/4. Часть II. – С. 216–222.

**[6–М].** Зокиров, З.Х. Цель конфискации имущества [Текст] / З.Х. Зокиров // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2017. – 2/10. – С. 222–229.

**[7–М].** Зокиров, З.Х. Цель конфискации имущества в теории уголовного права [Текст] / З.Х. Зокиров // Вестник Российско-Таджикский (Славянский) университет (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2018. – № 1 (61). – С. 88–95.

**[8–М].** Зокиров, З.Х., Шарипов, Т.Ш. Ташаккул ва инкишофи институти мусодираи молу мулк дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистони Шӯравӣ [Матн] / З.Х. Зокиров, Т.Ш. Шарипов // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2018. – № 3 (31). – С. 70–79.

**[9–М].** Зокиров, З.Х. Мусодираи молу мулк дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ: мафҳум, аломатҳо ва моҳияти он [Матн] / З.Х. Зокиров // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2018. – № 4 (32). – С. 77–83.

**[10–М].** Зокиров, З.Х., Носиров, Д.Қ. Оид ба масъалаи мусодираи молу мулк дар Конститутсия ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З.Х. Зокиров, Д.Қ. Носиров // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2019. – № 1 (33). – С. 109–116.

**2. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

**[11–М].** Зокиров, З.Х. Конфискация имущества в уголовном законодательстве Таджикской ССР (1917–1937 г.г.) [Текст] / З.Х. Зокиров // Журнал «Вестник Науки и Творчества»: Материалы Международных

мероприятий Общества Науки и Творчества (Россия, г. Казань, март 2018 г.). – Казань, 2018. – № 3 (27). – С. 27–30.

**[12–М]**. Зокиров, З.Х. Особенности регулирования вопросов конфискации имущества в государствах ближнего зарубежья [Текст] / З.Х. Зокиров // Научное знание современности: Материалы Международных научно-практических мероприятий Общества Науки и Творчества (Россия, г. Казань, март 2018 г.) / под общ. ред. С.В. Кузьмина. – Казань, 2018. – № 3 (15). – С. 40–42.

**[13–М]**. Зокиров, З.Х. Понятие конфискации имущества [Текст] / З.Х. Зокиров // Журнал «Science Time: Материалы Международной научно-практических конференций Общества Науки и Творчества (Россия, г. Казань) за март 2018 г. – Казань, 2018. – № 3 (51). – С. 9–15.

**[14–М]**. Зокиров, З.Х. Конфискации имущества: понятие, сущность и ее признаки [Текст] / З.Х. Зокиров // Научное знание современности: Материалы Международной научно-практической мероприятий Общества Науки и Творечества (Россия, г. Казань) за сентябрь 2018 года / под общ. ред. С.В. Кузьмина. – Казань, 2018. – С. 7–9.

**[15–М]**. Зокиров, З.Х. Восстановление социальной справедливости как цель конфискации имущества [Текст] / З.Х. Зокиров // Научное знание современности: Материалы LVII Итоговой Международной научно-практической конференции «Юриспруденция и основы правового поведения в современном гражданском обществе» / Общество Науки и Творчества. Россия, Казань, 23 февраля 2018 г. – Казань, 2018. – С. 63–68.

**[16–М]**. Зокиров, З.Х. Конфискации имущества в уголовном праве Республики Таджикистан: некоторые изменения в условиях мировых тенденций [Текст] / З.Х. Зокиров // Сфера знаний: вопросы продуктивного взаимодействия наук в XXI веке: Сборник научных статей. - Казань, 2018. – С. 89–91.

**[17–М].** Зокиров, З.Х. Моҳияти мусодираи молу мулк ҳамчун ҷазои иловагӣ [Матн] / З.Х. Зокиров // Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмӣ-

амалии ҳайати профессору омӯзгорони Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – Душанбе: Сухан, 2016. – С. 31–46.

**[18–М].** Зокиров, З.Х. Проблемы исполнение конфискации имущества [Текст] / З.Х. Зокиров // Сборник статей двадцать второй международной научной конференции «Свобода и право» от 12 февраля 2018 г., Россия, Кемерово. – 2018. – С. 15–17.

**[19–М].** Зокиров, З.Х. Сущность конфискации имущества как допольнителное наказания [Текст] / З.Х. Зокиров // Законодательства (научный журнал). – Душанбе, 2018. – № 3 (30). – С. 74–77.

**[20–М].** Зокиров, З.Х. Конфискации имущества в международном уголовном праве [Текст] / З.Х. Зокиров // Материалы Международной научно-практической мероприятий «Сфера знаний: вопросы взаимодействия наук в современном образовательном процесс». – Сборник научных трудов Общество Науки и Творчества. – июль 2018 года / Под общ. ред. С.В. Кузьмина. – Россия, Казань. – С. 47–52.

**[21–М].** Зокиров, З.Х. Таърих ва инкишофи институти мусодираи молу мулк то барқарорсозии Ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон [Матн] / З.Х. Зокиров // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт (маҷаллаи илмӣ). – 2019. – № 1 (1). – С. 84–91.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд.** Аз ҷониби сарходими илмии шуъбаи Шарқи Наздик ва миёнаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Назарзода Н.Ч.; дотсенти кафедраи фанҳои ҳуқуқи давлатии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Тулиев И.Р.; ёрдамчии прокурори шаҳри Хуҷанд, ҳуқуқшиноси дараҷаи 3, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонзода Б.Ш.; ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғафурзода А.Д.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо, асосан, нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро оид ба таърихи мусодираи молу мулк то барқарорсозии Ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон, маҳдуд гардидан ба таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ оид ба мусодираи молу мулк, мусодираи пурраи молу мулк ва истифода набурдани тафсирҳои қонунҳои соҳавӣ ва дигар паҳлуҳои баҳсноки татбиқи ҷазои мусодираи молу мулкро фаро мегиранд.

– **Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

Таҳлили инкишофи қонунгузории ҷиноятии ҶТ оид ба ҷазо дар намуди мусодираи молу мулк; баррасии таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ оид ба мусодираи молу мулк; муайян намудани табиати ҳуқуқи ҷиноятии мусодираи молу мулк; ошкор намудани мафҳум ва аломатҳои мусодираи молу мулк; омӯзиши мақсади мусодираи молу мулк; баррасии масъалаҳои иҷрои ҷазо дар намуди мусодираи молу мулк; мафҳумҳои нав, тағйирёбии ақидаҳои шарҳи мафҳумҳои куҳан дар робита ба мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ **коркард шудаанд.**

Бо мақсади мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба мусодираи молу мулк ва бартарафсозии духӯрагиҳои он як қатор таклифҳои судманд оид ба мафҳумҳои мусодираи молу мулк ва арзишҳо, ҷуброни зарар ва, бар ин васила, такмили моддаи 57 КҶ ҶТ **пешниҳод шудааст.**

**Исбот шудааст,** ки маблағҳои пулӣ, чизҳои қиматбаҳо, суратҳисобҳои бонкӣ, саҳмияҳои ширкатҳо, амволи манқул ва ғайриманқул ва дигар молу мулке, ки барои маблағгузории на танҳо «терроризм», балки барои «экстремизм», «ғасби ҳокимият», «тағйир додани асосҳои сохтори конститутсионӣ», «тамомияти марзӣ» истифода мешаванд ё пешбинӣ шудаанд, бояд мавриди мусодира қарор дода шаванд. Истифода ва ба назар гирифтани чунин истилоҳот мазмуни б.

«в», қ. 1, м. 57 КҶ ҶТ-ро муназзам ва ғанӣ мегардонад. Ҳамчунин, истифодаи мафҳуми «арзишҳо» муайяну мушаххас нест, зеро «арзишҳо» ҳам хусусияти молумулкӣ ва ҳам хусусияти шахсии ғайримолумулкӣ (ҳаёт, саломатӣ, қадру қимат, обрӯ ва ғ.)-ро ифода менамояд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ мафҳумҳои нави зерин **ҷорӣ шудаанд:**

- мафҳуми умумиҳуқуқии "молу мулк";
- мафҳуми "мусодираи молу мулк";
- мафҳуми "чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ";
- мафҳуми "мақсади мусодираи молу мулк".

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки дар он** корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанию хориҷӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни мусодираи молу мулк истифода гардидаанд. Асоси таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳои ҳуқуқшиносону муаррихони шӯравӣ ва пасошӯравӣ, инчунин, асарҳои илмӣ дар соҳаҳои фалсафа, назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ, таърихи ҳуқуқ дар Тоҷикистон, ҳуқуқи ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи гражданӣ ва ғайра ташкил додааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** усулҳои таҳқиқоти умумиилмии фалсафӣ ва махсуси ҳуқуқӣ **истифода бурда шудааст.**

Таҳлили инкишофи қонунгузории ҷиноятии ҶТ оид ба ҷазо дар намуди мусодираи молу мулк **баён шудааст.**

Дар диссертатсия мафҳумҳои «мусодираи молу мулк», «мақсади мусодираи молу мулк»,«табиат ва моҳияти мусодираи молу мулк» **ошкор гардидааст.**

Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои таҳқиқоти хусусӣ, мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, низомӣ-таркибӣ ва ғайра мавриди истифода қарор дода шуда, тавассути он ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии мавзӯи баррасишаванда ва қонунгузории ҷиноятии ҶТ оид ба мусодираи молу мулк бо дигар давлатҳои хориҷӣ **омӯхта шудаанд.**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки:**

– мафҳумҳои нав, тағйирёбии ақидаҳои шарҳи мафҳумҳои куҳан дар робита ба мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ **коркард ва ҷорӣ карда шуданд.**

Навгонии аз ҷониби муаллиф пешниҳодгардида мафҳум, мақсад ва моҳияти мусодираи молу мулкро ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ **муайян менамояд.**

Дар рисолаи диссертатсионӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои осори илмӣ ва амалияи судӣ **истифода шудаанд,** ки баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои бадастовардашудаи таҳқиқотро таъмин мекунанд;

**Ғояҳо** бо асарҳои А.А. Абдурашидов, А.И. Сафарзода, З.А. Камолов, И.Р. Тулиев, М.М. Муллоев, Н.А. Қудратов, Н.Б. Азимзода, Т.Ш. Шарипов, У.А. Азиззода, Ф.Т. Тоҳиров, Ҳ.С. Салимов ва муҳаққиқони хориҷӣ А.Г. Михалянтс, А.Н. Малишев, А.А. Пропостин, А.В. Степенко, А.В. Смагина, А.В. Сердюк, А.Э. Шасна, В.Н. Иванов, В.Н. Веселов, В.А. Пимонов, В.Б. Абраменко, В. Маня, Д.Ю. Борченко, Д.В. Толков, Е.Г. Веселов, И.Л. Марогулова, И.И. Голубов, К.В. Волков, Л.Ч. Сидикова, М.В. Дворетский, М.А. Урчукова, Н.К. Кузенбаев, Н.В. Висков, О.В. Филиппенко, О.В. Курлаева, П.С. Яни, Р.А. Гюлалиева, Р.А. Хачак, Р.Х. Кубов, С.Ю. Самойлова, Т.А. Ратко, Э.В. Мартиненко, Ю. Голик, Ю.С. Жарикова ва донишмандое, ки дар ин самт таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд, **асоснок шудааст.**

Мафҳум ва аломатҳои мусодираи молу мулк **муайян карда шудаанд.**

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқи бевоситаи масоили мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ, пешниҳоди нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳо ва дигар дастовардҳо ифода меёбад, ки онҳо аз нигоҳи илмӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ асоснок карда шудаанд. Ҳамчунин, саҳми шахсии унвонҷӯ дар тасвиби

натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ-амалӣ ва мизҳои мудаввар, дар чопи мақолаҳо оид ба мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ ифода меёбад.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ аз санаи 11 сентябри соли 2020 қарор қабул карда шуд, ки ба Зокирзода Зафар Хайрулло дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад. Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 17 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 3 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошанд. Аз 13 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, ки дар ҷаласа иштирок дошта овоз доданд. тарафдор 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Муовини раиси**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор** **Сафарзода Анвар Ислом**

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**дотсент** **Маҳмудов Изатулло Тешаевич**

**11 сентябри соли 2020**